# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасия барои дарёфти дараҷаи PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт, матншиносӣ Нигматов Нӯъмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикаи насри ахлоқии асри XIV».**

Осори мансури ахлоқии адабиёти форсии тоҷикӣ дар таи солҳои зиёд дтаваҷҷуҳи ховаршиносони Шарқу Ғарбро доимо ба худ ҷалб менамуд. Осори мансури ахлоқии асри XIV бори нахуст аз ҷониби муҳаққиқ Нигматов Нӯъмонҷолн Исломович ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Муҳаққиқ дар таҳқиқ ва омӯзиши ҳаматарафаи мавзӯъ осори ахлоқии асри мазкурро, ки аз назари муҳаққиқони қаблӣ дур монда буд, дар асоси феҳриствораву сарчашмаҳои тоза ба даст овардааш бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасӣ ва муаррифӣ қарор додааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳими рисола назар ба маълумоти дар автореферат овардашуда он аст, ки муаллиф масоили матншиносӣ, поэтикӣ, таҳаввули насри ахлоқӣ дар аҳдҳои сабки наср, нусхашиносӣ, сарчашмаҳои фикрии муаллифон ва хусусиятҳои умдаи адабии осори ахлоқии асри XIV, ки то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқ наёфтаро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Рисола аз муқаддима се боб ва ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Боби аввали рисола "Таърихи насри ахлоқӣ ва таҳавввули он дар давраҳои сабки наср" унвон дошта аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби аввал муҳаққиқ дар бораи осори ахлоқии аҳди қадим то замони шаклгиррии забони дариро баррасӣ намудааст. Дар бораи пандномаҳову андарзномаҳо маълумоти муфассале дода нуктаи назари хуро ба таври хулоса баён намудааст.

Фасли дувуми боби аввал "Насри ахлоқӣ дар замони сабки хуросонӣ" унвон гирифтааст. Муҳаққиқ ин фаслро ба бахшҳои "Насри ахлоқӣ дар тавсифҳо", "Насри ахоқӣ дар таърихномаҳо", "Насри ахлоқӣ дар осори ирфонӣ ва каломӣ" ҷудо намуда, муфассал дар бораи онҳо маълумот додааст.

Фасли сеюми боби аввал "Насри ахлоқӣ дар даврони сабки байнобайнӣ" унвон дорад. Дар фасли мазкур муҳимтарин осори ахлоқие, ки ба сабки насри байнобайнӣ навишта шудаанд, баррасӣ ёфтаанд. Муаллиф дар бораи "Сиёсатнома"-и Низомулмулки Тӯсӣ", Қобуснома"-

и Унсурулмаолии Кайковус, “Насиҳат-ул-мулук”-и Абӯҳомид Ғазззолӣ ва ғ. маълумот дода таъкид намудаанд, ки ин осори муҳимтарине ҳастанд, ки масъалаи ахлоқ унсури асосии онҳо мебошад.

Ҳамчунон “Такмилат-ул-латоиф”-и Абдулазизи Ҷисрӣ, “Қасас-ул-анбиё”-и Исҳоқи Нишопурӣ, “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Абулҳасани Ҳуҷравӣ, “Кашф-ул-асрор”-и Абулфазли Майбудӣ, “Тарҷумаи “Рисолаи қушайрия”-и Абӯалии Усмонӣ, “Тарҷумаи “Эҳёу улум-ид-дин”-и Муаядуддини Хоразмӣ, осори Носири Хисрав ва ғ. дар тарвиҷ ва рушди насри ахлоқӣ дар ин аҳд нақши муҳим бозидаанд.

“Насри ахлоқӣ дар давраи сабки насри фаннӣ” унвони фасли чаҳоруми боби аввали рисола мебошад. Муҳаққиқ дар ин фасл муҳимтарин мероси мансури ахлоқиро, ки ба насри фаннӣ навишта шудаанд, баррасӣ ва муаррифӣ намудааст. Ба монанди “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ, “Хираднома”-и Абулфазл Юсуф ибни Али Муставфӣ, “Макори-ул-ахлоқ”-и Разиюддини Нишопурӣ, “Синбоднома”-и Муҳаммад ибни Алии Самарқандӣ, “Равзат-ул-уқул”-и Муҳаммад ибни Ғозии Малтивӣ, “Гулистон”-и Шайх Саъдӣ, “Фароид-ус-сулук”-и Исҳоқи Саҷосӣ, “Ахлоқи Носирӣ” ва “Ахлоқи Муҳташамӣ” –и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, “Латоиф-ул-ҳикмат”-и Сироҷуддини Урмавӣ ва ғ. мебошанд.

Боби дувуми рисола ба “Нусхашиносӣ ва сабки таълифи насри ахлоқии асри XIV” дар муаррифӣ ва баррасии осори хоссаи ахлоқӣ бахшида шудааст. Фасли аввал дар “Осори хосаи ахлоқӣ дар асри XIV” дар бораи “Нигористон”-и Муинуддини Ҷувайнӣ, “Туҳфа”-и Шарофуддини Қазвинӣ , “Хористон”-и Маҷиди Хофӣ, “Одоб-ус-суфра”-и Алоудавлаи Симномӣ, “Ахлоқ-ул-ашроф” ва “Сад панд”-и Убайди Зоконӣ, “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нашхаби ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли дувуми ин боб “Меросии ахлоқӣ-ирфонӣ дар асри XIV” унвон гирифтааст. Дар асри XIV осори ирфоние ба назар мерасанд, ки ахлоқиёт ҷузъи муҳим ва ва унсури асосии онҳоро ташкил медиҳанд. Маъруфтарини онҳо “Одоб-ус-суфра”-и Алоуддавлаи Симномӣ, “Тараб-ул-маҷолис”-и Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, “Авроd-ул-аҳбоб ва фусус-ул-одоб”-и Абулмафохири Бохарзӣ ва ғ. мебошанд.

Фасли сеюми рисола “Футувватномаҳо ҳамчун манбаи насри ахлоқӣ” унвон гирифтааст. Бахши муҳиме аз насри ахлоқии форсии тоҷикӣ маҳз дар ҳамин гурӯҳи осор маҳфуз мебошад. Футувватномаҳое

чун “Китоб-ул-футувват”-и Наҷмуддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Мавдуди Зоҳирӣ, “Туҳфат-ул-ихвон фӣ хасоис-ил-фитён”-и Камолиддин Абдураззоқи Кошонӣ, “Рисолаи футувватия”-и Омулӣ, “Рисолаи футувватия”-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, “Футувватнома”-и маҷҳулмуаллиф дар фасли мазкур муаррифӣ шудаанд.

Боби сеюми рисола “Баррасии хусусмятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV” ном дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Фасли аввал: “Накду таҳлили осори ахлоқии асри XIV аз нигоҳи матншиносӣ”, фасли дувум “Санъатҳои бадеӣ дар насри ахлоқии асри XIV”, фасли сеюм “Корбурди ашъор дар насри ахлоқии асри XIV”, фасли чаҳорум “Маъхазшиносии осори ахлоқии асри XIV”-ро дар бар мегирад.

Дар автореферат муҳаққиқ тамоми паҳлуҳои дар рисола шарҳу тавзеҳёфтаро ба таври фишурда возеҳу равшан баён намудааст. Аз мутолиаи автореферати мазкур бармеояд, ки муҳаққиқ сарчашмаҳои зиёдеро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Рисолаи мазкур барои муҳаққиқини баъдӣ ҳамчун дастури муҳим ва ёридиҳанда хизмат карда метавонад. Дар кори анҷомёфта тамоми осори насрии пурарзиши адабиёти форсу тоҷикӣ асри XIV инъикоси худро ёфтаанд.

Рисолаи анҷомёфта баррасии масъалаҳои таҳавули насри ахлоқӣ дар даврахои муҳими сабки насрӣ – хуросонӣ, байнобайнӣ ва фаннӣ, ташаккули насри ахлоқӣ дар асри XIV, корбурди санъатҳои лафзиву маънавӣ, маъхазшиносӣ, истифодаи ашъор, таҳқиқи мавзӯии осори ахлоқии асри XIV, сабки таълиф ва нусхашиносӣ асноди зиёди илмиро роҷеъ ба матншиносӣ ва поэтикаи насри ахлоқии асри XIV пешорӯи муҳаққиқон қарор медиҳад.

Дар фишурдаи рисола дар 16 банд хулосаҳои докторант вобаста ба ҳар як қисмати кори анҷомёфта оварда шудааст, ки дар маҷмӯъ ба таври хронологӣ муҳтавои таҳқиқоташро баён намудааст.

Дар автореферат феҳристи сарчашмаҳо, китобҳои илмӣ ва соҳавӣ овардашуда руйхати мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Федератсимяи Руссия ва КОА-и назди Армизиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, оварда шудааст.

Бар автореферат дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз муҳақиқини русӣ танҳо ду ном ба назар расид. Шарқшиносони русӣ дар осри илмиашон ба мавзӯи мавриди пажуҳиш қароргирифташуда дахл кардаанд. Дар “Сабкшиносӣ”-и маликушшуро Баҳор низ баъзе

мулоҳизаҳо оварда шудааст, аммо дар феҳристи адабиёти истифодашуда ба назар нарасид.

Дар матни автореферат баъзан аз вожаҳои арабие корбурд гардидааст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ мавриди истифода қарор надоранд.

Автореферати рисола ва мақолаҳои доир ба мавзуъ нашрнамудаи муҳаққиқ, мундариҷаи рисоларо пурра ифода мекунад.

Аз ин рӯ рисолаи мазкур ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола **Нигматов Нӯъмонҷон Исломович** барои дарёфти дараҷаи PhD. – Назарияи адабиёт, матншиносӣ сазовор аст.

***Мудири шуъбаи тавсифи дастхат ва таҳияи феҳристҳои Маркази мероси хаттии АИ ҶТ*** ***С. Ализода***

***Тасдиқ мекунам:***
***Нозири калони шуъбаи кадрҳои Маркази мероси хаттӣ*** ***С. Раҳмонзода***

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ • ШУЪБАИ КАДРҲО